**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Борбад 48/5)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзӯи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Кишвари азизи мо бо фарҳангу тамаддуни ниёгони бойи худ, табиати нотакрор, чашмаҳои шифобахш ва қуллаҳои осмонбӯс диққати зиёди сайёҳону меҳмононро бахри шиносоӣ ба урфу одат, анъанаҳои миллӣ, расму оини мардумӣ ҷалб намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар баҳисоб рафта, дар ташаккули бозори хизматрасониҳо накши муҳимро мебозад. Агар аз як тараф ҷойгиршавии шароити иқлимии кишвар ба соҳаи мазкур мусоидат намояд, аз тарафи дигар рақобатпазирии субъектҳои соҳаи мазкур метавонанд аз ҳисоби баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо таъсири мусбӣ худро расонанд.

Аз рӯйи вазифаҳои таҳқиқот маълум мегардад, ки дар диссертатсия бо мақсади тақвияти хизматрасониҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳии кишвар махсусан вилояти Хатлон омӯзиши хусусият, таснифоти захираҳои сайёҳӣ, арзёбии тамоюлу қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, таҳлили фаъолияти марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, коркарди консептуалии такмили механизмҳои ташкили низоми марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ва ҳаракати чараёнҳои иттилоотӣ мавриди таҳқиқи қарор дода шудаанд.

Дар автореферат муаллиф хизматрасониҳои иттилооти соҳаи сайёҳиро ҳамчун заминаи ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ муайян намуда, захираҳои сайёҳиро аз рӯйи намудҳои рекреатсионӣ, таббиӣ, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таснифбандӣ намудааст. Ҳазамон, бо мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти соҳаи сайёҳӣ, унсурҳои моделҳои қабули қарорҳои муфид дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ барои вилояти Хатлон– таҳлил, коркард ва пешниҳод гардидааст.

Муаллиф дар такя ба аҳамиятнокии иқтидори сайёҳии мамлакат чунин андешаронӣ намудааст, ки иттилоот оид ба захираҳои табиию фароғатии нотакрор ва мероси бойи таърихию фарҳангии мамлакат дар самти эҳё ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар миқёси Ҷумҳурии

Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Хатлон ҳамчун як омили муҳимми ифодакунандаи иқтидори сайёҳӣ баромад намуда, боиси яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад.

Ба ақидаи муаллиф дар баробари арзи вуҷуд доштани таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ҳамзамон як қатор омилҳои халалдорсозандаи муназзамии рушди соҳаи сайёҳии кишвар арзи вуҷуд доранд, ки онҳо пурра омӯхта нашудаанд, аз ҷумла: номукаммалии инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, фарсудашавии қисмҳои базаи моддии мавҷуда, мавҷуд набудани намудҳои алтернативии ҳамлу нақли ҳавоӣ, мушкилоти ҷалби сармоягузорӣ дар самти рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ; инкишофи сусти воситаҳои таблиғотӣ доир ба имкониятҳои сайёҳии кишвар дар хориҷ аз он; номувофиқии сифати хизматрасонӣ дар қиёс бо кишварҳои дар ин самт пешрафта; номувофиқии нархгузорӣ дар меҳмонхонаҳо нисбат ба сифати хизматрасонӣ ва ғайра.

Дар қисми хулоса барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва воруди сайёҳон хулосаву тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

Бо назардошти муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуд аст, ки ба инобат гирифтани онҳо ба арзишмандии таҳқиқотҳои оянда муаллифи он таъсири мусбӣ мерасонанд:

1. Хуб мебуд, ки ба муаммоҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, махсусан вилояти Хатлон аз тарафи муаллиф диққати махсус дода мешуд.

Камбудиҳои мазкур ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ намерасонанд, зеро натиҷаҳои илмӣ ва навгониҳои бадастомада аз аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзӯи «Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., дотсенти кафедраи математика**
**ва системаҳои иттилоотии Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Зубайдов С.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½

**Имзои Зубайдов С-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**